Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзӯи "Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022).

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи тағйироти ҷиддӣ дар кулли самтҳои фаъолияти ҷамъиятиву давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои маданӣ гардида, Тоҷикистон дар ин самт кушиш намуд, то бо роҳи мураттбасозиву кодификатсия қонунгузории муназзамеро таҳия намояд, то хостаҳои мардумро бароварда созад. Дар ин росто, яке аз воситаҳои таъмини иҷрои ухдадорӣ институти замонат низ метавонад барои ба шароити муосир мувофиқ гардонидани таъмини иҷрои ухдадориҳо хизмат намояд. Аз ин сабаб, институти замонат ҳамчун воситаи муосири танзими мунсоибатҳои маданӣ аз ҷониби унвонҷӯ Эмомализода Навруз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Мавзуи интихобшуда бешубҳа мубрам буда, таҳияи илмии он барои илм ва амалияи Тоҷикистон бениҳоят муфид ба назар мерасад, чунки яке аз мушкилоти муносибатҳои хоҷагидории муосир пеш аз ҳама бо маблағгузории истеҳсолот вобаста буда, аксарияти тоҷирон фаъолияти худро дар асоси таваккал ва қарзи бонкӣ ба роҳ мемонанд. Азбаски қарз баъзан аз ҷониби қарздор дар вақташ ва ё умуман баргардонида намешавад, яъне тоҷирони бевиҷдон низ кам нестанд, қонунгузорӣ кафолат ва замонатро чун механизмҳои иҷрои ухдадориҳо муқаррар намудааст. Аз ин сабаб, яке аз воситаҳои муҳимтарин зомин ва замонат ба шумор меравад, ки дар сурати ба таври маъмулӣ рушд додани онҳо, бонк ва ташкилотҳои кредитӣ метавонанд дар ҳама ҳолат маблағи додашударо баргардонад, ки ин ба фазои соҳибкорӣ таъсири мусбат расонида,

барои рушди тичорат рох мекушояд, боварии байниҳамдигарии бонк, яъне маблағгузор ва қарзгирро бештар мекунад. Аз ин нуқтаи назар мавзуи пешниҳодшуда мубрам аст.

Ҷанбаи техникии кор низ ба таври мантиқӣ, содда ва ба таври мачмӯи таҳлилу таркиббандӣ шудани таҳқиқот аст, ки аз се боб ва ҳашт зербоби фарогирандаи мазмуни кор муттаҳид шудааст.

Унвончӯ дар таҳқиқот ҳадафи мушаххас ва вазифаҳои муайян гузошта, тавонистааст, ки бомуваффақият аз ичрои онҳо барояд.

Дар таҳяи рисола аз адабиёти сершумори илмӣ ва санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқӣ – қонунгузории чандин давлатҳои дуру наздик истифода шудаанд. Инчунин, дар таҳияи рисолаи номзадӣ аз усулу воситаҳои илмӣ ба таври фаровон истифода гардидааст, ки он замина барои таҳияи нуқта ва хулосаҳои дақиқи илмӣ гаштааст.

Унвончу панч навгонӣ барои ҳимоя пешкаш намуда, як қатор тавсияҳо барои такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳод намудааст. Ин пешниҳодҳо самари хуби иқтисодӣ ва амалӣ дошта метавонанд, чунки барои танзими дурусти як паҳлуи муҳими муносибатҳои маданиву тичоратӣ равона шудаанд. Дар умум кулли пешниҳодҳои муаллиф сазовори дастгирӣ буда, онҳо саҳми муаллиф дар ҳалли масоили мубрами маданӣ мебошанд.

Дар қатори дастовардҳо, муаллиф баъзе андешаҳои баҳснокро дар рисола ҷой додааст, масалан шартномаи замонатро баъзан асосӣ ва баъзан иловагӣ (аксессорӣ) ном мебарад, ки андешаи аниқи муаллиф дар ин бора бояд қатъӣ бошад.

Новобаста аз ин эроди баҳсталаби мо қимати илмии рисоларо паст намекунад, чунки мавзуи интихобшуда, мавзуи мубрам ва камтаҳқиқшуда дар илми тоҷик ба шумор меравад.

Рисолаи илмии Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзуи “Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, кори таҳқиқоти мачмӯии ҳадафманд, хотимаёфта буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда ба таври куллӣ ҳалли худро дар он ёфтаанд, нуктаҳои илмии он лоиқи дастгирӣ буда, саҳми шахсии муаллиф дар илми ҳуқуқи маданӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар хулоса

Эмомализода Навруз Эмомалиро сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мешуморем.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан «Низомноми Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Мукарриз:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
декани факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ **Тоҷибоев Ш.А**

Имзои Ш.А. Тоҷибоевро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Мирпочоев И.Ҳ.**

« 14 » июл 2022 с.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.
Телефон: +992(3422)2-38-11
Email: Info@tsulbp.tj
www: http://tsulbp.tj